# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии доктор PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия).

Мавзӯи интихобкардаи кори диссертатсионии доктор PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна зери унвони «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» -ро яке аз мавзӯҳои мубрам ва муҳим ҳисобидан мумкин аст, зеро он ба ҳалли масъалаи пайдо кунондани майлу хоҳиши таълимӣ, шавқу ҳавас ба меҳнати таълимӣ ва фаъолияти даркнамоӣ дар дарсҳои химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти кори диссертатсионии** доктор PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна бо он асоснок карда мешавад, ки имрӯз қисмати зиёди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳиммияти донишҳои химиявиро, новобаста ба он ки донистани донишҳои химиявӣ ба онҳо ниҳоят заруранд, дарк карда наметавонанд. Дар ҳамин замина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла химия диққати махсус дода мешавад. Маҳз бо ҳамин мақсад солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон карда шудааст.

Омӯзгорон бояд дар баробари дар дарсҳо истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим, инчунин ба баланд бардоштани майлу рағбати хонандагон, дар онҳо ташаккул додани ваҷҳҳои омӯзишӣ ва ҳавасмандӣ аҳамияти калон диҳанд, зеро бе онҳо ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст.

Агар ҳавасмандӣ ин ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ба таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва

замонавӣ, майлу рағбат, талаботи мустақилона ба аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро дарбар гирад, пас ваҷҳҳо равандҳои маърифатӣ буда, аз қабули ахборот сар карда, то мавҷудияти равандҳои мураккаб, пайдо шудани эҳсосотҳои гуногун ба охир мерасанд.

Таълими равиявӣ низ дар зинаи болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боз ҳам масъалаи ташаккули ваҷҳҳоро дар хонандагон пеш мегузорад. Мактаби имрӯза бояд ба фардияти хонанда рӯ оварда, барои рушди ҳавасмандӣ, майлу рағбат ва қобилияти он дар ҳозира ва оянда беҳтарин шароитҳоро фароҳам оварад. Зеро яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии таълими химия ин ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни химия мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

- ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шудаанд;

- имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд;

- имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани натиҷаҳои таҳқиқотро** консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, муносибати системавӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ), инчунин услубҳои ба ҳар як марҳила мувофиқ, иштироки бевоситаи муаллиф дар санҷиши таҷрибавию озмоишӣ ба сифати омӯзгор, тамоюл ба корҳои назариявӣ, тасдиқи мафҳумҳо баён гардида, мутобиқати хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомадаро натиҷаҳои озмоиши педагогӣ тасдиқ менамоянд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муайян намудани вазъи омӯзиши масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия ва меъёрҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок гардонида шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

– методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шудааст;

– дар мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс, лексияҳои проблемавӣ, сӯҳбатҳои эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо), вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ, корҳои беруназсинфӣ ва ғайра истифодаи усулҳоро пешниҳод кардааст ва вобаста ба ташаккул ва истифодаи ваҷҳҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзиш ба дигар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсияҳои методӣ додаанд.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА -и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА- и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ гардида, 9 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст.

**Диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

**Дар муқаддима** сохтори методологии диссертатсия боварибахшона сохта шудааст: мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, объект, фарзия ва вазифаҳои таҳқикот муайян карда шуда, асосҳои методологӣ қайд гардидааст, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ пешниҳод карда мешавад, даврахо, усулҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва инчунин натиҷаҳои санҷиши амалии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Инъикоси масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия» ном дошта аз ду

зербоб иборат аст. Дар зербоби якум «Тавсифи масъалаи ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар психология» – масъалаи ҳавасмандсозии омӯзиш, нақши муҳимми ваҷҳ дар фаъолияти инсонӣ, идоракунии ташаккули ваҷҳҳои фаъолияти таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф таърифи мафҳуми «ваҷҳ» ва намудҳои онро таҳлил намуда, бо такя ба корҳои олимони соҳаи психология мафҳуми «ҳавасмандӣ» - ро низ, ки бо мафҳуми «ваҷҳ» ҷудонашаванда пайваст аст, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Қайд менамояд, ки дар айни замон ҳавасмандӣ ҳамчун падидаи психикӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Дар як маврид он ҳамчун маҷмӯи ваҷҳҳо, ҳамчун низоми мураккаб ва ихтилофнок, тағйирёбандаи динамикӣ шуморида мешавад. Дар мавриди дигар ҳамчун раванди ташаккули ваҷҳи рафтор ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин ҳавасмандӣ ҳамчун раванди ташаккули идорашавандагии шахсият аз тариқи низоми таҳрикоти устувор, яъне аз тариқи ваҷҳҳо фаҳмида мешавад.

Ба хулоса меояд, ки дар фаҳмиши моҳияти ваҷҳ, нақши он дар танзими рафтор ва дар фаҳмиши таносубҳо байни ҳавасмандӣ ва ваҷҳ ягонагии дидгоҳҳо вуҷуд надорад. Ин ду мафҳум бештар ҳамчун муродиф истифода мешаванд. Роҳи баромад аз вазъияти бавуҷудомада дар он дида мешавад, ки ҳавасмандӣ ҳамчун раванди динамикии ташаккули ваҷҳ баррасӣ шавад.

Дар зербоби дуюм муаллиф дар мавзӯи «Ҳолати омӯзиши масъалаи ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар методикаи таълими химия» ақидаҳои олимон дар бораи майлу рағбат ба дарсҳои химия ва масъалаҳои ҳавасмандсозии омӯзиш дар таҳсилоти химиявиро мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд менамояд, ки имрӯз ба омӯзгор барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои таълимӣ кор кардан аз рӯи ҳавасмандсозии омӯзиш зарур аст. Барои ин ба ӯ лозим аст фикр намуда, пешниҳод кунад, ки мушаххасан кадом ваҷҳҳои омӯзишро ташаккул диҳад ва кадом методикаи ташаккули ин ваҷҳҳоро бояд истифода намояд. Аз байни ваҷҳҳои зиёд ӯ ваҷҳҳои муассиртари омӯзиш «шавқовар» ва «муфид» -ро ҷудо мекунад. Барои ҳалли бомуваффақияти

вазифаҳои дидактикӣ ташаккул додани маҳз ҳамин ваҷҳҳоро дар хонадагон, дар заминаи мусбати эҳсосотӣ зарур ва кифоя мешуморад ва ба ақидаи ӯ омезиши онҳо ҳамаҷонибагии амалро таъмин менамоянд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Шароити ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» – ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби дуюм – «Шароитҳои методии ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ дар раванди таълимӣ химия» – масъалаҳои шароити ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид» мавридии баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант чунин шароитҳоро, ба мислӣ: аз рӯи мазмун шавқовар аст; шавқовар тадрис мешавад; дорои аҳамияти амалӣ мебошад; ба ҷустуҷӯи мустақилонаи донишандӯзӣ таҳрик медиҳад; барои дохилшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ зарур аст; ба таври нисбат осонтар азхуд карда мешавад, ки боиси пайдоиши ҳавасмандӣ ва ваҷҳҳо дар дарс мегарданд, дида мебарояд ва барои худ се шароити авваларо интихоб менамояд, зеро ба ақидаи ӯ дар онҳо масъалаи ташаккули ваҷҳҳои «мароқовар» ва «муфид» баррасӣ мегарданд ва онҳоро дар ҷанбаи дарсҳои химия мавриди баррасӣ карор медиҳад. Қайд менамояд, ки барои он ки дар дарс ваҷҳи «шавқовар» ташаккул ёбад, дар давоми дарс ба вуҷуд овардани вазъиятҳои фаъоли фикрӣ зарур аст (дар асоси дарс харитаи фаъолияти фикриро истифода намудан). Зимни тавзеҳи мавзӯи нав, гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ва иҷрои кори мустақилонаи хонандагон имконпазирии онро нишон медиҳад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм мавзӯи «Шароитҳои методӣ барои ташаккули ваҷҳҳои «муфид» дар раванди таълими фанни химия» диссертант қайд намудааст, ки муҳиммияти ҷудо кардани ваҷҳи «муфид» аз он иборат аст, ки дар барномаҳои амалкунанда ва китобҳои дарсӣ аз фанни химия барои омӯзиш танҳо донишҳои химиявӣ пешниҳод карда шудааст ва он донишҳое, ки дар дарсҳои химия гирифта мешаванд, ба аҳамияти амалиявии онҳо кам таваҷҷуҳ дода шудааст.

Қайд месозад, ки дарс ваҷҳи «мароқовар» - ро ташаккул медиҳад, агар дар ҷараёни дарс омӯзгор вазъиятҳои фаъолнокии фикриеро эҷод

кунад, ки пайдарпайии онҳоро дар варақаи фаъолнокии фикрии дарс инъикос кардан мумкин бошад. Вобаста ба ин барои ташаккули самарабахши ваҷҳи «мароқовар» ба таври мақсаднок ба хонандагон усулҳои кори шартиро таълим додан зарур аст. Муайян менамояд, ки ташаккули ваҷҳи «муфид» вақте сурат мегирад, ки агар маводи омӯхташаванда ба таври мунтазам маълумотро дар бораи муҳити табиӣ ва сунъии зист, дар бораи фаъолияти ҳаётии инсон дар бар гирифта бошад.

**Боби сеюми диссертатсия** «Шароити ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш» – ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Диссертант дар зербоби якуми боби сеюм – «Низом ва сохтори курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик» мақсади таҳқиқотии худро аз он иборат мешуморад, ки таълими химияро ба ҳаёт наздик намояд, яъне дар таълими химия бояд маводҳои таълимии аҳамияти химия дар рӯзгори ҳаррӯза дошта таълим дода шавад, ки он ба ташаккул ёфтани ваҷҳҳои «муфид» дар таълими химия оварда мерасонад. Бо ин мақсад ӯ курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик» -ро коркард кардааст, ки дар он дар синфи 8 ба муҳити табиии зист равшанӣ андохта шуда, дар синфи 9 масъалаҳои муҳити сунъии зист ва дар синфи 10 инсон ҳамчун озмоишгоҳи химиявӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Қайд месозад, ки ҳангоми дар дарсҳои химия хонандагон донишҳои навро дар бораи муҳити зист, дар бораи инсон аз нуқтаи назари химиявӣ ба даст овардан, барои ҳар як хонанда вазъияти интихоб эҷод мешавад – чиро ӯ аллакай медонад, чӣ чизи навро донист, кадом донишҳо бо донишҳои мавҷуда ба ихтилоф ворид шуданд. Маҳз вазъиятҳои фаъолнокии фикрии эҷод шуда, ба ташаккули ваҷҳи «мароқовар» мусоидат карда метавонанд.

Зербоби дуюми боби сеюм «Методикаи кор доир ба практикуми рушддиҳанда» номгузорӣ шуда, дар он кор аз рӯйи практикум баъди омӯзиши мавзӯъ ба сифати мустаҳкамкунии мавод амалӣ карда шудааст. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар синфҳои 8 ва 9 супоришҳоро ба хонандагон омӯзгор бояд пешниҳод кунад. Дар синфҳои 10 ва 11 бошад,

ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки супоришҳои маърифатии рушддиҳандаро мустақилона тартиб диҳанд. Муайян менамояд, ки супоришҳои маърифатии рушддиҳанда фаъолнокии фикрӣ, эҷодкориро рушд дода, донишҳоро доир ба химия мустаҳкам ва ба ҳаллу фасли масъалаҳои ҳисобкунӣ мусоидат менамоянд. Супоришҳои маърифатии рушддиҳандаи химиявиро барои ташаккули вазъияти фаъолнокии фикрӣ мавриди истифода қарор додааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Натиҷаҳои санҷиши озмоишии методика» ҷараёни озмоиши педагогӣ доир ба ошкоркунии самарабахшии методикаи ташаккули ваҷҳҳои «мароқовар» ва «муфид» дар ду марҳала: озмоиши ҷустуҷӯӣ ва озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуда, баррасӣ шудааст.

Дар озмоиши ҷустуҷӯӣ дар асоси ташаккули ваҷҳи «мароқовар» дар дарсҳо фаъолнокии фикрии хонандагонро қарор дода, ба сифати меъёри ташаккули ваҷҳи мазкур варақаи фаъолнокии фикрӣ хизмат намудааст, ки вазъиятҳои фаъолнокии фикриеро, ки омӯзгор онҳоро дар дарс эҷод намудааст, инъикос намояд. Ин озмоиш имкон додааст, ки барои ташаккули ваҷҳи «муфид» низ асос ошкор карда шавад.

Озмоиши ташаккулдиҳанда бошад дар се марҳила дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ бо хонандагони синфҳо 8, 9 ва 10 мутобиқи барномаи таҳияшуда гузаронида шудааст. Аз натиҷаи маълумотҳои ба даст овардашудаи озмоишҳои муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид» курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик»-и таҳия карда шуда, шароити заруриро барои ҳавасмандсозии хонандагон ба омӯзиши химия муҳайё месозад. Методикаи ҳавасмандсозӣ ва ташаккули ваҷҳҳои омӯзишӣ дар дарсҳои химия бо истифода аз вазъиятҳои фаъолияти фикрӣ, кӯмаки воситаҳое, ки дар методика ошкор карда шудаанд (озмоиш, итихоб, осори санъат, супоришҳои маърифатии рушддиҳанда, машғулиятҳои амалӣ, ҷадвалҳои пешбиникунанда ва ғайраҳо), таҳия карда шудааст. Дуруст қайд

сохтааст, ки истифодаи дурусти онҳо дар ҳамбастагӣ бо маводи барномавӣ сабаби ҳавасмандии хонандагон гашта, ба баланд шудани дониши онҳо аз химия мегардад.

Дар хулоса вобаста ба корҳои ба сомон расонида натиҷаҳои асосӣ ҷамъбаст карда шудаанд, тавсияҳои илмию амалии таҳқиқот мухтасар ифода ёфтаанд ва натиҷаҳои илмии он пешниҳод карда шудааст.

Мувафақиятҳои рисолаи мазкур ниҳоят зиёданд, вале бар замми ин муваффақиятҳо як қатор камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки онҳоро чунин ишора кардан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия дар бораи талаботҳои фаъолияти таҳқиқотӣ сухан меравад, лекин нақши фаъолияти фикрӣ дар ҳалли масъала кушода дода нашудааст.

2. Дар диссертатсия оиди аҳамияти шавқу ҳаваси маърифатӣ маълумот дода шудааст, вале моҳияти интегралию бедоркунандагии ваҷҳҳо аз мадди назар дур мондааст.

3. Хуб мешуд, ки дар бораи абстраксия ҳамчун роҳи дарк ва кушодани қонунҳо маълумоти мушаххас пешниҳод мегардид ва ҷойи он дар миёни равандҳои фикрӣ муайян карда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия таҳқиқотҳои олимони тоҷик ниҳоят кам ба чашм мерасанд, аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар рисола таҳқиқотҳои олимони тоҷик бештар истифода мешуданд. Бар зами ин, он таҳқиқотҳои солҳои охире, ки олимони рус ва хориҷа вобаста ба ташаккулёбии ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиш дар хонандагон гузаронидаанд, бештар таҳлил мегашт.

5. Дар матни диссертатсия нуқсонҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъианд ва ба арзиши илмӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои рисоларо дар шакли фишурда пурра нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи ҳаҷми иҷроиш, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии барои дифоъ пешниҳод карда шуда, натиҷаҳои асосии илмии ба даст оварда ва миқдори мақолаҳои ба чоп расонида рисолаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна зери унвони «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти илмӣ – тахассусии анҷомёфта ба шумор меравад ва ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда ҳисобида мешавад.

**Муқарризи расмӣ,** номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи методикаи таълими химияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ: Алимов Сироҷиддин Шералиевич

Имзои н.и.п. Алимов С.Ш. - ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ: Д. Назаров

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: +992 37 224-13-83.
e-mail: tgpu2004@mail.ru
«17» 09 2021 с.